«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо Фармони Директори генералии
ЧДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
____________________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №170/25

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББИИ САЙЁҲОН

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Душанбе – 2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

1.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
... НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии уҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримулумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **шахси суғурташуда** – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **пардохти суғуртавӣ** – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда ухдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ухдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **тариқи хатии огоҳкунӣ** – интиқоли ҳуҷҷат (ариза, огоҳнома ва ҳуҷҷатҳои дигар) шахсан ба намояндаи Суғуртакунанда (Суғурташаванда, намояндаи ӯ), инчунин ба воситаи алоқа, факс, алоқаи электронӣ ё воситаи дигари алоқа, ки имконияти аниқ муайян кардани он, ки ҳуҷҷат аз Суғурташаванда ё намояндаи ӯ ворид гардидааст ва дарҷ гардидани вақти воридшавии онро медиҳад;

– **сайёҳ** – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҷойи истиқомати будубоши муваққатӣ бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш ва мақсадҳои дигари вобаста ба саёҳат сафар мекунанд;

– **беморӣ (касалӣ)** – ин ҳар кадом бемории ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ба вуҷуд омадааст ва ташхиси он дар ҷараёни муҳлати суғурта дар асоси аломатҳои объективии ба илми тиб маълум аз ҷониби табиб гузаронида шудааст, агар дар Шартномаи суғурта дигар ҳодиса пешбинӣ нашуда бошад. Санаи беморӣ ин он санае ба ҳисоб меравад, ки шахси суғурташуда аввалин маротиба ба табиб барои ёрии тиббӣ вобаста ба беморӣ муроҷиат намудааст, ки бо хуҷҷати расмии тиббӣ ва ё бо санаи гузаронидани ташхис тасдиқ карда мешавад;

– **бистарикунонӣ** – дар табобати шабонарузии статсионарӣ, дар муассисаи тиббӣ қарор доштани шахси суғурташуда (ба истисноии статсионари рӯзона), ки дар натиҷаи ба шахси суғурташуда рух додани ҳодисаи нохуш ва ё беморӣ дар давраи амали суғурта оид ба хавфҳо ба амал омадааст;

– **ҳодисаи нохуш** – ҳодисаи ногаҳонӣ ва кутоҳмуддате, ки сарфи назар аз иродаи инсон рух дода, дар натиҷаи он ба ҷисми суғурташуда таъсири берунии механикӣ, барқӣ, кимиёвӣ ё гармӣ расидааст, инчунин аз таъсири офатҳои табиӣ саломатии ӯ зарар дида, ӯ маъюб гаштааст ё фавтидааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **муассисаҳои тиббӣ** – ташкилоте, ки аз рӯи қонунгузории давлат, ки дар он шахси Суғурташаванда қарор дорад барои расонидани хизмати тиббӣ ҳуқуқ дошта, дар онҳо фаъолияти худро амалӣ менамоянд;

– **ташкилоти ассистансӣ** – шахси ҳуқуқие, ки ба суғурташавандагон (шахсони суғурташуда, фоидагирандагон) дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳангоми сайёҳат ё дур будан аз ҷойи истиқомат ба душворӣ дучор омадаанд, хизматрасониро пешниҳод менамояд;

– **макони зисти доимӣ (макопи зисти доимӣ ва ё асосӣ)** – хонаи истиқоматӣ, квартира, манзили истиқоматии хизматӣ, хонаҳои махсусгардонидашуда, инчунин дигар манзили истиқоматӣ, ки дар он Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) доимо ё асосан ҳамчун соҳибмулк, мувофиқи шартномаи кироя (зеркироя), шартномаи иҷора ё дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат менамояд;

– **бемории шадид (ногаҳонӣ)** – харобии ногаҳонии саломатӣ (вайроншавии фаъолияти организм), ки бо ҷароҳат алоқаманд набуда, ғайричашмдошт дар муҳлати амали шартномаи суғурта аз таъсири ангезандаҳои касалиовар ва/ё фавқулоддаи (барои ин организм) муҳити берунӣ ва/ё дохилӣ ба вуҷуд омадааст, ки бо тағйир ёфтани сохтор ва функсияҳои организм зоҳир мегардад ва ба расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ниёз дорад;

– **ҷароҳати ҷисмонӣ (осеб)** – вайроншавии ягонагии физикии организми Суғурташуда ё бемории ӯ, ки дар Ҷадвали ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ пешбинӣ ва дар шартномаи суғурта оварда шуда, дар давоми муҳлати суғурта дар натиҷаи ҳодисаи нохуш рух додааст;

– **ташкилоти адҷастерӣ** – шахси ҳуқуқие, ки манфиатҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба танзими эродҳои аз ҷониби суғурташаванда пешниҳодшударо вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ намояндагӣ менамояд, инчунин хавфро баъди ҳодисаи суғуртавӣ арзёбӣ намуда, ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ба асос гирифта, маблағи ҷуброни суғуртавиро муайян менамояд ва хулосаи экспертӣ тартиб медиҳад:

- пешниҳод кардани хизмати тиббӣ ва дигар хизмат, ки бо шартҳои Қоидаии мазкур ва Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст;
- муайян кардани сабабҳо ва андозаи зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахсони суғурташуда расидааст;
- танзим кардани зарар;
- тартиб додани сертификати садамавӣ оид ба пардохт карда хароҷоти сарфшуда бобати ба Суғуртакунанда пешниҳод намудани он.

## 3. СУБЪЕКТИ СУҒУРТА

3.1. Мувофиқи шартҳои Қоидаи мазкур Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Суғурташуда, Фоидагиранда, ташкилоти адҷастерӣ, ташкилоти хизматрасон (ассистанс) ва ширкатҳои миёнарав (агентҳои суғуртавӣ) субъекти суғуртавӣ ҳисобида мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

3.2. Аз рӯи ин намуди суғурта Суғурташуда ва Фоидагиранда аз синни 1 сола, ки ба дохили кишвар ва хориҷӣ кишвар барои сайёҳат, фаъолияти корӣ, сафари хизматӣ, таҳсил, сайругашт ва аз рӯи корҳои шахсӣ ба муддати аз 1 рӯз то 1 сол (агар дар Шартномаи суғурта муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад) сафар мекунанд, ба суғурта фаро гирифта мешаванд.

## 4. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

4.1. Объекти суғурта манфиатҳои шахсии ғайримолумулкии Суғурташаванда мебошанд, ки бо хароҷотҳои расонидани ёрии тиббӣ ба шахси Суғурташуда (Фоидагиранда) ё хароҷотҳои иловагии пешбинишуда, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб меравад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳодисаи бамиёномада ба ҳисоб меравад, ки бо Шартномаи суғурта пешбинӣ гардида, ҳангоми фарорасии он ӯҳдадории Суғуртакунанда барои пардохт кардани маблағи суғуртавӣ пайдо мешавад.

5.2. Ба вуҷуд омадани хароҷоти пешбинигардида дар натиҷаи фарорасии ҳодисаҳои зерин ҳодисаи суғуртавӣ маҳсуб меёбад:

5.2.1. Беморӣ – халалёбии саломатӣ, ки дар давраи амали Шартномаи суғурта дар ҳудуди суғурта ба таври ногаҳонӣ сар зада, даҳолати фаврии тиббиро талаб мекунад, инчунин бемории сироятии «Коронавирус» (COVID – 19).

5.2.2. Зарари ҷароҳати узвҳо ва/ё бофтаҳо дар натиҷаи ҳодисаи нохуш. Дар зери мафҳуми ҳодисаи нохуш ҳодисаи кутоҳмуддати ногаҳоние фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди суғурта рух дода, дар натиҷа ҷароҳат, дигар халалёбӣ ба саломатӣ ё фавтро ба вуҷуд овардааст.

5.2.3. Фавти шахси суғурташуда.

5.2.4. Хароҷот оид ба баргардонидани шахси суғурташуда ба ватан. Дар сурати фавти шахси суғурташуда Суғуртакунанда баргардонидани ҷасади ӯро то марзи кишвар, шаҳр ё вилояти зисти доимии ӯ ташкил намуда, хароҷоти вобаста ба ин бавуҷудомада, аз ҷумла тайёр кардани ҷасад, хариди маводи барои ҳамлу нақли байналмилалии тобут зарурӣ ва интиқоли молу мулки ба ӯ тааллуқдоштаро мепардозад. Суғуртакунанда барои ҳифзи молу мулки шахсии шахси суғурташуда, ташкил ва хароҷоти дафнкунӣ ҷавобгар буда наметавонад.

5.2.5. Хароҷоти марбут ба таҳвили иттилооти фаврӣ. Суғуртакунанда таҳвили иттилоотеро, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ марбут аст, ба ширкати хизматрасон мепардозад. Хароҷоте, ки дар Шартномаи суғурта зикргардида, ба шахси суғурташуда бидуни огоҳ намудани ширкати хизматрасон дар давоми 3 рӯзи тақвимӣ аз санаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ё бидуни огоҳ намудани Суғуртакунанда дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ расидааст, ба андозаи дар Шартномаи суғурта зикршуда, ҷуброн карда мешавад.

5.3. Ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ хароҷоти шахси суғурташуда дар доираи маблағи суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

5.4. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ё намояндааш пардохти суғуртавӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

– дар ҳолати мавҷуд будани Шартнома байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (ассистанс), барои гирифтани кӯмаки зарурии тиббӣ шахси суғурташуда бояд бо шабакаи хизмати шабонарузӣ алоқа намуда, ба муассисаи тиббии пешниҳодшуда муроҷиат намояд;

– дар ҳолати мавҷуд набудани Шартнома байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (ассистансӣ), шахси суғурташуда мустақилона ҳаққи хизматрасонии тиббиро пардохт намуда, баъди бозгашт барои гирифтани ҷуброни зарар, дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи корӣ аз рӯзи бозгашт ба Суғуртакунанда бо аризаи хаттӣ муроҷиат менамояд.

Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ шахси суғурташуда, Фоидагиранда ё вориси қонунии онҳо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро бо забони давлатӣ пешниҳод намояд:

а) Дар ҳолати ҷароҳат бардоштан ё бемор гардидани шахси суғурташуда дар хориҷи кишвар (сайёҳ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон):

– ариза;

– нусхаи полиси суғуртавӣ;

– нусхаи шиноснома (хориҷӣ) ё шаҳодатномаи таваллуд;

– иқтибос аз таърихи беморӣ;

– маълумотнома бо имзову муҳр тасдиқгардида оид ба номгӯи хизматрасоиҳои тиббии расонидашуда;

– расид оид ба маблағҳои масрафшуда.

б) Дар ҳолати фавти шахси суғурташуда:

– аризаи вориси қонунӣ ё Фоидагиранда;

– полиси суғуртавӣ;

– нусхаи шаҳодатномаи вафот;

– нусха ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос (барои вориси қонунӣ).

5.5. Пас аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар боло зикршуда Суғуртакунанда уҳдадор аст, ки дар муддати 10 рӯзи корӣ (агар ҳодисаи суғуртавӣ тафтиши иловагиро талаб накунад) санади суғуртавӣ тартиб дода, дар он эътироф намудан ё эътироф накардани ҳодисаи содиршударо ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ тасдиқ кунад.

5.6. Дар муддати 5 рӯзи корӣ аз санаи тасдиқ кардани санади суғурта Суғуртакунанда уҳдадор аст, ки маблағи суғуртавиро пардозад ё пардохт кардани онро бо огоҳ намудани шахси суғурташуда (Фоидагиранда) ба таври хаттӣ бо асоснок кардани сабаби радкунӣ амалӣ намояд.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Ҳодисаи нохуш, бемории ногаҳонӣ ё фавти шаҳрвандоне, ки ба хориҷа сафар мекунанд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ё ин ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳат мекунанд ба хавҳои суғуртавӣ мансуб мебошанд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ ҳадди ниҳоии андозаи пардохти суғуртавиро ифода намуда, аз ҷониби Суғурташаванда вобаста ба талаботи кишвари сафар аз рӯи ҷадвали тарифҳои суғуртавӣ, ки ба Қоидаи мазкур замима карда мешаванд, интихоб карда мешавад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ ва мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар полиси суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ вобаста ба кишвари сафар дарҷ карда мешавад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии ибтидоӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғурта пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидашаванда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни зарар ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯи Шартномаи мушаххаси суғурта коэффитсиентҳои тасҳеҳӣ (баланд ё паст) – ро истифода барад. Паст ё баланд намудани тарифи суғуртавӣ ҳам бо тартиби ташаккул додани истифодабарии коэффитсиентҳои тасҳеҳӣ, ҳам дар асоси нишондиҳандаҳои тахфиф ва иловакунӣ ба нархи ибтидоӣ амалӣ шуда наметавонад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ)

9.1. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯзи муҳлати сафари шахси Суғурташаванда мувофиқи ҷадвали тарифи суғуртавӣ, ки ба Қоидаи мазкур замима карда мешавад, ҳисоб карда мешавад. Андозаи мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавӣ) шахсони Суғурташавандае, ки синнашон аз 65 зиёд аст, аз андозаи мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) муқарраршуда як маротиба зиёд мебошад.

9.2. Мукофоти суғуртавӣ тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта метавонад баста шавад бо роҳи аз ҷониби Суғуртакунанда ба Суғурташаванда дар асоси аризаи шифоҳии ӯ супоридани полиси суғуртавӣ, ки онро Суғуртакунанда имзо намудааст, баста шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.2. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад Шартномаи суғуртаро ба фоидаи худ ё шахси сеюм бандад. Инчунин, шахси ҳуқуқӣ – Суғурташаванда метавонад Шартномаи суғуртаро ба фоидаи шахсони воқеӣ бандад.

10.3. Суғурташаванда маълумотро оиди худ (шахси суғурташуда) ва ҳамаи маълумоти саҳеҳи мазкурро, ки барои муайян намудани хавфи суғуртавӣ аҳамият ба Суғурткунанда пешниҳод менамояд:

– ному насаб бо забони тоҷикӣ ва/ё ҳуруфи лотинӣ (дар асоси маълумотҳои шинносномаи хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон), маҳал ва санаи таваллуд, маҳалли бақайдгирӣ, суроғаи ҷойи зисти доимӣ ё асосӣ ва рақами телефон;

– номи ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ, телефон, мушаххасоти бонкӣ, номгӯи шахсоне, ки суғурта карда мешаванд, агар Суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ бошад;

– санаҳои банақшагирифтаи оғоз ва анҷоми дар хориҷа будан;

– мамлакати (мамлакатҳои) сафар;

– мақсади сафар;

– ихтисос ва намуди фаъолияти тахминӣ, агар Суғурташаванда (шахси суғурташуда) барои кор сафар дошта бошад;

– намуди варзиш ва мусобиқаҳои варзишӣ, ки эҳтимолияти дар он иштирок

– намудани Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар назар дошта шудааст;

– вазъи саломатӣ, инчунин вуҷуд доштани/надоштани бемориҳои музмин;

– шаҳрвандӣ;

– дигар маълумотҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.4. Шартномаи суғурта бе гузаронидани муоинаи тиббии Суғурташаванда (шахси суғурташуда) баста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз ҷониби Суғурткунанда муайян карда шудааст. Бо талаби Суғурткунанда Суғурташаванда (шахси суғурташуда) уҳдадор аст Пурсишномаи тиббӣ ва ариза барои суғурткуниро пур намояд.

10.5. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад маълумотеро, ки Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҳангоми бастани шартномаи суғурта додаст ва он барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ (инчунин оиди вазъи саломатӣ) аҳамият дорад, бо роҳи ирсол намудани дархости расмӣ ба мақомотҳо ва ташкилотҳои салоҳиятдор санҷад. Дар баробари ин, Суғурташаванда (шахси суғурташуда) уҳдадор мебошад, ки ба Суғурташаванда тибқи дархости ӯ розигии хаттӣ барои гирифтани ин маълумот дар муассисаҳои тиббӣ ва дигар муассисаҳо пешниҳод намояд.

10.6. Ҳангоми ба имзо расонидани шартномаҳои суғурта (полисҳои суғуртавӣ) Суғурткунанда ҳуқуқ дорад мухри факсимилии (бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ, электронӣ ё дигар восита) Суғурткунанда ва имзои шахсоне, ки аз номи Суғурткунанда ваколатдор мебошанд шартномаҳои суғурта, аз ҷумла тағйиру иловаҳо ва замимаҳо ба онҳоро имзо намоянд, истифода намояд.

Муҳри факсимилии Суғурткунанда ва имзоҳои шахсони ваколатдори Суғурткунанда дар шартномаҳои суғурта (полисҳои суғуртавӣ) ва замимаҳои онҳо,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

инчунин ҳуҷҷатҳои иловагии онҳо (мактубҳо, санадҳо, аризаҳо ва ғ.), аналоги муҳри Суғуртакунанда ва имзои дастии шахсони ваколатдори Суғуртакунанда мебошанд.

Аризаи суғурта ё шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) – ро имзо намудани Суғурташаванда бо розигии ӯ барои истифодаи имзои факсимилии Суғуртакунанда ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи суғурта тасдиқ мегардад.

10.7. Ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо шахси ҳуқуқӣ ва ҳангоми суғуртакунии коллективӣ Суғурташаванда ба Суғуртакунанда рӯйхати Шахсони суғурташударо пешниҳод менамояд. Дар ариза (рӯйхати шахсони суғурташуда) бояд ному насаб, суроға ва телефони хешовандони наздик (ҳамкор) – и шахси Суғурташуда, ки бо онҳо Суғуртакунанда ва Ширкати хизматрасон ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ имконияти ба алоқа баромаданро пайдо намояд.

10.8. Баъди пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) Суғуртакунанда ба Суғурташаванда полиси суғуртавӣ медиҳад. Дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда гум кардани полиси суғуртавӣ, Суғуртакунанда аз рӯи аризаи шакли муқаррарӣ ба Суғурташаванда нусхаи онро медиҳад. Полиси гумшуда аз рӯзи пешниҳоди ариза беэътибор ҳисобида шуда, аз рӯи он даъво қабул карда намешавад.

10.9. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда ҳолатҳои барои муайян кардани эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари эҳтимолӣ аз фарорасии он (ҳодисаи суғуртавӣ) аҳамияти муҳим доштаро, ки ба ӯ маълуманд, иттилоъ диҳад, агар ин ҳолатҳо ба Суғуртакунанда маълум нестанд ва набояд маълум бошанд. Дар ҳар сурат, ҳолатҳое, ки дар Шартномаи суғурта, дар ариза оид ба суғуртакунӣ ва ё дар дархости хаттиаш ба таври муайян Суғуртакунанда қайду шарт намудааст, ҳолатҳои муҳим эътироф карда мешаванд.

10.9.1. Агар пас аз бастани Шартномаи суғурта муқаррар карда шавад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оид ба ҳолатҳои дар боло зикршуда дидаю дониста маълумоти бардурӯғ додаст, Суғуртакунанда хуқуқ дорад, ки беэътибор эътироф кардани Шартномаро талаб намояд.

10.9.2. Агар ҳолатҳое, ки дар бораи онҳо Суғурташаванда маълумот нададааст, барҳам хӯрда бошанд, Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад, ки беэътибор эътироф кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд.

10.10. Муҳлати амали шартномаи суғурта бо созиши Тарафҳо дар ҳар ҳолати муайян муқаррар гардида дар шартномаи суғурта ифода карда мешавад

10.11. Шартномаи суғурта ба муҳлати аз як рӯз то як сол баста мешавад.

10.12. Шартномаи суғурта соати 00:00 санае, ки дар он ҳамчун ибтидои муҳлати амали шартномаи суғурта ишора шудааст, аммо на дертар аз соати 00:00 рӯзиояндаи пас аз рӯзи пардохти суғуртавӣ ба Суғуртакунанда қувваи қонунӣ мегирад ва на дертар аз соати 00:00 санаи дар шартномаи суғурта ҳамчун анҷоми муҳлати амали он ишора ёфта қатъ мегардад.

10.13. То давраи оғози амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки ба Шартнома бо розигии Суғуртакунанда тағйиру илова ворид намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.14. Ҳангоми бастани Шартномаи коллективии суғурта пас аз пардохт кардани мукофоти суғуртавӣ ба суратҳисоби ӯ дар муҳлати дар Шартномаи суғурта зикршуда, Суғуртакунанда ба ҳар як шахси суғурташуда полиси суғуртавӣ медиҳад.

10.15. Шартномаи суғурта дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

– бо гузаштани муҳлати амал;

– тибқи шартнома ба таври пурра ӯҳдадориҳояшро иҷро кардани Суғуртакунанда (қатъ гардидани иҷрои ӯҳдадориҳо);

– барҳамхӯрии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад ё фавти Суғурташаванда, ки аз рӯи ин Шартномаи суғурта шахси суғурташуда ба ҳисоб меравад;

– барҳамхӯрии Суғуртакунанда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– аз ҷониби суд қабул кардани қарор оид ба беэътибор эътироф кардани Шартномаи суғурта, ки қувваи қонунӣ пайдо кардааст;

– бо созиши Тарафҳо;

– дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 11. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.1.1. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта намудҳои Шартномаи суғурта ва полиси суғуртавии таҳиянамудаашро мавриди истифода қарор диҳад.

11.1.2. Маълумоти аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) пешниҳод гардида ва иҷроиши бандҳои шартномаи суғуртаро тафтиш намояд.

11.1.3. Ҳангоми барои гирифтани пардохти суғуртавӣ муроҷиат намудани Суғурташаванда ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавиро тафтиш намояд.

11.1.4. Талаб намояд, ки ҳуҷҷатҳои ба унвони ӯ интиқолёбанда, ки бо забони хориҷианд, ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуда, ҳангоми зарурат аз ҷониби нотариус низ тасдиқ гардад.

11.1.5. Ба мақомоти салоҳиятдор оиди масоили бо тафтишоти сабабҳо ва муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашуда, дархост фиристад.

11.1.6. Мустақилона сабабҳо ва ҳолатҳои руйдоди дорои нишонаҳои ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарро муайян намояд.

11.1.7. Аз ширкатҳое, ки оиди ҳолатҳои руйдодҳои дорои нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ маълумот доранд, дархости маълумот намояд.

11.1.8. 10.4.10. Дар ҳолате, ки маводҳои пешниҳоднамудаи мақомоти салоҳиятдор метавонанд барои рад намудани анҷомдиҳии пардохти суғуртавӣ асос шаванд, қабули қарорро оиди ба амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ, оиди рад намудани анҷомдиҳии пардохти суғуртавӣ то равшан гардидани тамоми вазъият/ба итмом расидан ва ё мавқуф доштани тафтишоти даххлдор боз дорад.

11.1.9. Дар ҳолати ба ҳодисаи суғуртавӣ мансуб набудан (сӯиқасд намудан ба ҷони худ, худкушӣ ва амалҳои хилофи қонун) ва додани маълумоти бардурӯғ дар

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бораи вазъи саломатиаш ва мақсади сафар ҳангоми барасмиятдарории полиси суғуртавӣ, додани пардохти суғуртавиро рад намояд.

11.1.10. Амалӣ намудани пардохти суғуртавиро рад намояд, агар Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ва ё намояндаи ӯ:

а) Суғуртакунанда ва ё Ширкати хизматрасонро оиди ҳодисаи суғуртавӣ сари вақт хабардор накардааст ва исбот нагардад, ки Суғуртакунанда саривақт оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ маълумот гирифт ва ё надоштани чунин маълумоти Суғуртакунанда ба вазифаҳои ӯ нисбати амалӣ гардонидани пардохти суғуртавӣ таъсир расонида наметавонист;

б) тамоми ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиққунандаи ҳодисаи суғуртавиро пешниҳод накарда бошад;

в) қасдан барои зиёд шудани ҳаҷми зарар мусоидат намуд ва ё тадбирҳои заруриро барои кам намудани он наандешида бошад, дар ҳаҷми зараре, ки дар натиҷаи наандешидани чунин чораҳо ба миён омадааст;

г) агар ҳодисаи суғуртавӣ бо айби корфармои Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ба миён омада бошад.

11.1.11. Агар баъди ба имзо расидани шартномаи суғурта муайян гардад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумоти бардурӯғро оиди вазъиятҳои ба ӯ маълум, ки барои муайян намудани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ ва рух додани он муҳиманд, пешниҳод намудааст, эътирофи беэътибор донистани шартномаро талаб намояд.

11.1.12. Дар бораи ҳолатҳои афзояндаи таваккали суғуртавӣ огоҳшуда тағйирдиҳии шартҳои Шартномаи суғурта ё пардохтани мукофоти иловагии суғуртавиро мутаносиб ба афзоиши таваккал талаб мекунад.

11.1.13. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.2. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

11.2.1. Суғурташавандаро бо Қоидаи суғурта шинос намояд.

11.2.2. Баъди ба расмият даровардани полиси суғуртавӣ ҳамаи масъулиятро барон саривақт додани пардохти суғуртавӣ ба зимма гирад.

11.2.3. Маълумотро дар бораи Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва Фоидагиранда, инчунин маълумотро дар бораи вазъи молу мулкии ин шахсон, ки ба ӯ дар натиҷаи иҷрои фаъолияти касбӣ маълум шудаанд, махфӣ нигоҳ дорад.

11.2.4. Ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ маблағи суғуртавиро бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи Қоидаи суғуртаи мазкур ва Шартномаи суғурта пардозад.

11.2.5. Ҳангоми бастанн Шартномаи коллективии суғурта пас аз пардохт кардани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба ҳар як шахси суғурташуда полиси суғуртавӣ диҳад.

11.2.6. Дар ҳолати гум кардани полиси суғуртавӣ бо шарти пардохти арзиши тайёр кардани полиси суғуртавӣ нусхаи онро ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда) пешниҳод намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.2.7. Дигар ухдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.3. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Дар сурати гум кардани полиси суғуртавӣ, нусхаи (дубликати) онро дар асоси ариза аз Суғуртакунанда гирад.

11.3.2. Дар ҳолати бо сабабҳо узрнок даст кашидан аз сафари хориҷа, полиси суғуртавиро ба Суғуртакунанда баргардонида қисми мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавӣ) гирад.

11.3.3. Мустақилона ба муассисаи тиббии наздиктарин дар ҳолате, ки бо намояндагони Суғуртакунанда ё Ширкати хизматрасон имконияти тамос гирифтанро надошта бошад, муроҷиат намояд.

11.3.4. Бо Қоидаи суғурта шинос шавад.

11.3.5. Аз Суғуртакунанда ҳангоми ошкор кардани маълумоти дар натиҷаи иҷрои фаъолияти касбиаш, дар бораи Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва (ё) Фоидагиранда, инчунин дар бораи вазъи молу мулкии ин шахсон гирифтаи ӯ, ҷуброни зарарро талаб кунад.

11.3.6. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.4. Суғурташаванда ухдадор аст:

11.4.1. Пас аз бастани Шартномаи суғурта бо тартиб ва дар мухлати муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавиро пардозад.

11.4.2. Ҳангоми ба расмият даровардани полиси суғуртавӣ ба Суғуртакунанда маълумоти дақиқро, ки барои муайян кардани дараҷаи хавф аҳамият дорад, пешниҳод намояд.

11.4.3. Пас аз он, ки фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ба ӯ маълум шуд, дар мухлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта дар бораи чунин фарорасӣ Суғуртакунанда ё намояндаи ӯро бо тарзу усуле, ки дар Шартномаи суғурта муайян гардидааст, огоҳ кунад.

11.4.4. Дар давраи амали Шартномаи суғурта дар давоми як рӯз ба Суғуртакунанда дар бораи тағйироти муҳими ба ӯ маълумшуда иттилоъ диҳад, агар ин тағйирот ба афзоиши таваккали суғуртавӣ моҳиятан таъсир расонида тавонанд.

11.4.5. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди баргаштан аз хориҷа, барои гирифтани пардохти суғуртавӣ ба тариқи хаттӣ муроҷиат намояд.

11.4.6. Дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо ташкилоти ассистансӣ ва ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ, ки бо Суғуртакунанда шартнома оиди ҳамкорӣ доранд хизмати тиббиро бо онҳо мувофиқа намояд.

11.4.7. Ҳуҷҷатҳои исботкунандаи ҳодисаи суғуртавӣ ва хароҷоти тиббиро, (таърихи беморӣ, хулосаи тиббӣ, ҳисобнома, борхат ва амсоли он) пешниҳод намояд.

11.4.8. Бо дархости Суғуртакунанда муоинаи тиббиро гузарад.

11.4.9. Шахсони суғурташударо бо Қоидаи суғурта шинос намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.4.10. Шахси суғурташуда ҳуқуқ дорад, ки аз Суғурташаванда полиси суғуртавиро бо замимаи Қоидаи мазкур ва ҳангоми гум кардани полиси суғуртавӣ нусхаи онро гирад.

11.4.11. Ба Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд.

11.4.12. Дигар уҳдадориҳои дар Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

## 12. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда, Фоидагиранда) ҳаҷми зиён ва зарар дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, маълумотномаи тиббӣ аз беморхона оид ба ҳолати осебгирӣ муайян карда мешавад.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

13.1. Дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳангоми будубош дар хориҷи кишвар (барои сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба шахси суғурташуда маблағи воқеии барои мӯътадил намудани вазъи саломатӣ масрафшуда, баъди бозгашт аз сафар (барои сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз мӯътадил намудани вазъи саломатӣ) пардохт карда мешавад.

13.2. Пардохти маблағи суғуртавӣ дар доираи хароҷоти ниҳоии мақсаднок барои гуруҳи хизматрасонии тиббии алоҳида, ки зарурати онҳо бо расидани ҳодисаи суғуртавӣ ба амал омадааст, дода мешавад.

13.3. Пардохти маблағи суғуртавӣ дар мавриди пешниҳод гардидани шиносномаи хориҷӣ бо қайди гузаштани сарҳад ва ё ҳангоми нишон додани ҳуҷҷатҳое, ки хуқуқи Фоидагирандаро ба гирифтани пардохти суғуртавӣ тасдиқ менамояд, ба ҳисоби сомонӣ аз рӯи қурбӣ расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дода мешавад.

13.4. Пардохти маблағи суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда дар асоси аризаи Суғурташаванда (сайёҳ, шахси суғурташуда) баъди гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳо зарурӣ, ки ҳодисаи суғуртавиро тасдиқ менамояд дода мешавад.

13.5. Дар ҳолати мавҷуд будани шартномаи ҳамкорӣ байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (ассистансӣ) ё ташкилоти суғуртавии хориҷӣ, ба шахси суғурташуда дар доираи маблағи суғуртавӣ ва ҳудуди масъулият хизматрасонии тиббии ройгон расонида мешавад.

13.6. Суғуртакунанда барои хароҷотҳои зерин масъулият бар дӯш надорад:

– барои хӯроки махсуси Суғурташаванда, агарчӣ онро духтур ҳам тавсия карда бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– барои муолиҷа дар санатория ва истироҳатгоҳҳо, агарчӣ онро духтур тавсия карда бошад;

– андозаи барзиёд аз маблағи суғуртавӣ, ки ба Суғурташаванда барои баргардонидани саломатии мӯътадил ё ба ҷойи истиқомат бурда расонидани ҷасад (ҳангоми фавт) зарур аст;

– барои харидан ва таъмири ашё ва таҷҳизотҳои тиббӣ (айнак, асбобоҳои шунавоӣ, узви сунъӣ ва амсоли он).

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

14.1. Ҳолатҳои зерин ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешаванд:

– агар ҳодисаи суғуртавӣ бо айби корфармо содир шуда бошад;

– агар шахси суғурташуда ва (ё) намояндаи ӯ барои қабул кардани қарор оид ба пардохти суғуртавӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарда бошанд;

– агар шахси суғурташуда ва (ё) намояндаи ӯ маълумоти пурраеро, ки барои баҳодиҳии дараҷаи хавфҳои суғуртавӣ аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ дорад, ба Суғуртакунанда пешниҳод/иттилоъ надода бошанд;

– дар ҳолате ки аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) фаъолияти тахассусӣ амалӣ мегардад, ки бо ҳар гуна шакли амали хатарнок вобаста ба кор, ҳунар ё ихтисос (аз ҷумла, ронандагон, сарнишинони тайёра, баҳрнавардон, кӯҳкорон, пармагарон, сохтмончиён, монтажчиён ва ғ.);

– агар аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҷинояти барқасдона содир гардида бошад, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ дар алоқаи бевосита қарор дорад;

– ҳангоми содир гардидани амали барқасдонаи Суғурташаванда (шахси суғурташуда), ки ба фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ бевосита равона карда шудааст;

– ҳангоми ба миён омадани беморихо ва патологияҳои марбут ба хун;

– ҳангоми бемориҳои онкологӣ ва ҳама гуна ориза ва оқибатҳои онҳо;

– ҳангоми бемориҳои сил, саркоидоз ва муковисидоз, новобаста аз шакли клиникӣ ва ҷараёни инкишоф;

– ҳангоми бемориҳои сирояткунанда ва бемориҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқол меёбанд;

– дар ҳолате ки хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби муассисаи тиббие расонида мешавад, ки иҷозатномаи дахлдор надорад, ё аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи пешбурди фаъолияти тиббиро надорад;

– ҳангоми зоҳир гардидани бемориҳои рӯҳӣ ва асабӣ, эпилепсия (ибтидоӣ ё падидавӣ), ихтилоли рафтор, аз ҷумла майпарастӣ, нашъамандӣ, токсикомания ва авҷ гирифтани онҳо, инчунин оқибатҳо ва оризаҳои онҳо, новобаста аз он ки шахси суғурташуда то ба сафар баромадан дар бораи онҳо огоҳ буд ё не, инчунин дар ҳолати аномалияҳои модарзодӣ ва хароҷот барои табобати бемориҳое, ки фарорасии онҳоро ваксинатсияи қаблӣ метавонад пешгирӣ намояд;

– дар ҳолате ки Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ба намудҳои истироҳати фаъол машғул мегардад: лижаронии обӣ, сёрфинг, виндсерфинг,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мотосикли обӣ, рафтинг, яхтинг, лижаронии кӯҳӣ, сноубординг, сафар бо барфгард, хоккей, маунтинбайк, паркур, роҳпаймоӣ бо асп, моҳидорӣ, сайд, скейтбординг, кайтинг, тарзанка, каякинг, треккинг ва ғайра;

– дар ҳолате ки Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ба варзиши ташкилшуда (ҳаваскорӣ) ё тахассусӣ машғул аст (варзиш – соҳаи фаъолият ҳамчун маҷмӯи намудҳои варзиш, ки дар шакли мусобиқаҳо ва омодагии махсуси инсон барои онҳо ташаккул ёфтааст), иштирок дар ҳар гуна мусобиқаҳо, пойгаҳо, пойгаҳои автомобилронӣ ё мотосиклронӣ, регатаҳои бодбонӣ, шиноварии зериобӣ бо таҷҳизоти нафаскашӣ (дайвинг) ва/ё нигоҳдории бардавоми нафас (фри/скин-дайвинг), клиф ва хай-дайвинг, аз ғор фаромадан (спелеология), шухпаймоӣ, кӯҳнавардӣ, саёҳатҳои варзишӣ ва ғайра;

– дар ҳолате ки шахси суғурташаванда (шахси суғурташуда) оид ба саломатии худ (ё саломатии шахси суғурташуда) ва/ё доир ба ҳаҷм ва арзиши хизматрасониҳои тиббии расонидашуда ба таври огоҳнома маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ва беасос пешниҳод мекунад;

– оқибатҳои полиомиелит, энсефалит, менингит ва полиневрит;

– хароҷот барои муоина ва нигоҳубини тиббӣ, ки бо бемориҳои шадиди ногаҳонӣ ё ҷароҳати бар асари ҳодисаи нохуш ба миён омада алоқаманд нестанд;

– хароҷот барои пардохти курси табобат, ки то оғоз гардидани муҳлати амали суғурта оғоз ёфта, дар рафти амали он идома меёбад;

– хароҷот барои хизматрасониҳои тиббӣ, агар сафар бо ҳадафи махсуси гирифтани табобат анҷом дода шуда бошад;

– хароҷот барои табобати бемориҳо ва ҷароҳатҳое, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, шӯришҳои оммавӣ, машқҳои ҷангӣ, корпартоиҳо, ошӯбҳо, ҳолати фавқулодда ва дигар ҳодисаҳои монанди инҳо ба вуҷуд омадаанд;

– хароҷот барои табобати бемории саратон;

– хароҷот барои табобати бемориҳои асабӣ, рӯҳӣ ва кӯшиши худкушӣ;

– хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки бар асари тамринҳои варзишӣ ба вуҷуд омадаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки хавфи иловагӣ бо мукофоти иловагии суғуртавӣ бо огоҳонидани ҳатмии Суғурткунанда пешакӣ пардохт шудааст;

– хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки бар асари тамринҳои омӯзишии авиаспорт, аз парашют фаромадан, кӯҳнавардӣ, пойгаҳои мотосиклронӣ ва автомобилронӣ ва дигар намудҳои таваккал ба вуҷуд омадаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки мукофоти иловагии суғуртавӣ бо огоҳонидани ҳатмии Суғурткунанда пешакӣ пардохт шудааст;

– хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ба вуҷуд омадаанд, агар шахси суғурташуда воситаи нақлиётро бидуни шаҳодатномаи ронандагӣ идора карда бошад ё идоракунии онро ба шахсе супорида бошад, ки дорои шаҳодатномаи ронандагӣ намебошад;

– хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки ҳангоми иштирок дар мусобиқаҳои варзишии расман баргузоршаванда ба миён омадаанд, ба истисноии

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳолатҳое, ки мукофоти иловагии суғуртавӣ бо огоҳонидани ҳатмии Суғуртакунанда пардохт шудааст;

– хароҷот барои ташхис ва табобати бемориҳо бо усулҳое, ки ба таври илмӣ эътироф нашудаанд, инчунин хароҷоте, ки бо хариди доруворӣ бидуни сертификати сифат алоқаманданд;

– хароҷот вобаста ба давраи табобат, ки то оғози амали шартномаи суғурта оғоз ёфта, дар давраи амали он идома меёбад, инчунин агар сафар сарфи назар аз мавҷудияти аксулнишондодҳои тиббии духтур сурат гирифта бошад;

– хароҷот вобаста ба мудохилаи ҷарроҳӣ ё табобате, ки метавонад то бозгашти шахси суғурташуда ба кишвари зисти доимияш ба таъхир гузошта шавад ва Суғуртакунанда ё ширкати хизматрасон онро мувофиқ намешуморад;

– хароҷот вобаста ба табобат бо усулҳои ғайрианъанавӣ;

– хароҷот вобаста ба табобати бемориҳо ва ҷароҳатҳое, ки бар асари амалҳои ҷинояткорона ё ғайриқонунии шахси суғурташуда ба миён омадаанд;

– хароҷоте, ки ба хизматрасониҳои дандонпизишкӣ алоқаманданд, ба истиснои кӯмаки фаврии дандонпизишкӣ дар доираи меъёрҳои уҳдадориҳои дар шартномаи суғурта пешбинишуда, зарурати он дар натиҷаи шикасти ҷоғ ҳангоми фаворасии ҳодисаи нохуш ё бар асари дарди шадиди дандон ба миён омада бошад;

– хароҷоте, ки бо контрасепсия, стерилизатсия, бордоркунӣ, тағйири ҷинс, табобати безурриётӣ, вайрон шудани гардиши ҳайзи-овариалӣ ва дигар ҳолатҳои бо ин марбут алоқаманданд;

– хароҷоте, ки бо ҷарроҳии пластикӣ, ҷарроҳии барқароркунӣ ва протезгузорӣ, аз ҷумла протезгузории дандон ва чашм, трансплантатсияи узвҳо, иваз кардани пӯст, ҷарроҳии бемориҳои дил ва рагҳои хунгузар (ҳатто дар сурати мавҷуд будани нишондодҳои тиббӣ), инчунин хароҷот барои харид, таъмир ва хизматрасонии воситаҳои техникии тиббӣ (ҳама гуна протезҳо, таҷҳизоти шунавоӣ, айнакҳо, таҷҳизотҳои ортопедӣ ва дигар воситаҳои ёрии инфиродии тиббӣ);

– хароҷоте, ки дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои муқарраргардидаи рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби шахси суғурташуда ба миён омадаанд;

– хароҷоти алоқаманд бо вайрон намудани қоидаҳои пешгирии бемориҳои эндемикӣ, ки барои кишвари будубоши муваққатӣ хосанд, аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда), ки дар бораи онҳо қаблан хабардор буд, инчунин иҷро накардани таъиноти табиб;

– хароҷот барои сӯзандармонӣ, физиотерапия ва дигар намудҳои табобати солимгардонӣ (реабилитатсионӣ);

– хароҷот барои табобат дар осоишгоҳҳо;

– хароҷот барои табобати бадмастӣ, нашъамандӣ ва токсикомания;

– хароҷот барои табобати узвҳои таносул ва бемориҳои норасоии масъунияти бадан;

– хароҷот барои табобати ҳолатҳои ранҷурие, ки бар асари истеъмоли моводи психотропӣ, токсиндор, нашъадор ва нӯшокиҳои спиртдор ба миён омадаанд,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

инчунин табобати ҷароҳатҳое, ки ҳангоми тахти таъсири чунин мавод будан гирифта шудаанд;

– хароҷот барои харид ва (ё) истифодаи айнак, линзаҳои назардеҳӣ, дастгоҳҳои шунавоӣ, узвҳои сунъӣ ва ҳама гуна воситаҳои протезӣ;

– хароҷот барои ҷарроҳии косметикӣ ва пластикӣ;

– хароҷот барои эмкунӣ бо мақсади пешгирии бемориҳо ва муоинаҳои тиббии профилактикӣ;

– хароҷоте, ки бо бемориҳои занбӯруғӣ ва пӯстӣ (ба ғайр аз сироятӣ) алоқамананд, аз ҷумла аллергия (ба истиснои омоси Квинке) ва дерматитҳои хӯрокӣ, хоришак ва дерматитҳое, ки бо газидани ҳашарот вобастаанд, ба ҷуз ҳолатҳои барои ҳаёт таҳдидкунанда (газидани анкабутҳои заҳрнок, занбӯри асал, оруҳо) ва ҷароҳатҳое, ки дар натиҷаи алоқа бо хазандаҳои заҳрнок, медуза, хорпуштҳои баҳрӣ, моҳиҳо ва ғайра гирифта шудаанд;

– хароҷоте, ки бо нигоҳубини парасторӣ вобастаанд;

– хароҷоте, ки вобаста ба вайрон намудани қоидаҳо ва меъёрҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои амалҳои кироя ба миён меоянд;

– хароҷоти марбут ба бемориҳои музмин;

– хароҷоти марбут ба табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки бар асари таъсири мустақим ё ғайримустақими ҳар гуна нурафканиш, аз ҷумла нурҳои офтобӣ, ба миён омадаанд;

– хароҷоти марбут ба табобати шиддатёбии бемориҳои музмин, ки дар бораи онҳо Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар ариза оид ба суғурта, шартномаи суғурта ё дархости хаттии Суғуртакунанда маълумот пешниҳод накардааст;

– хароҷоти марбут ба хариди доруворӣ, агар барои хариди чунин доруворӣ, ки таркиби онро истеҳсолкунанда пинҳон медорад, тавсия дода шуда бошад, инчунин хароҷоти вобаста ба хариди маҳсулоти ғизоӣ, воситаҳои қувватдиҳанда, воситаҳои камвазнкунанда, воситаҳои косметикӣ, зебу зиннат, оби маъданӣ ва омехтаҳое, ки ба оби ванна илова карда мешаванд;

– хароҷоти марбут ба хариди дорувориҳои табобатӣ бидуни таъиноти расмии духтур;

– хароҷоти марбут ба ҳомиладории мухлаташ зиёда аз 12 ҳафта ва исқоти ҳамл (ба истисноии қатъи маҷбурии ҳомиладорӣ, ки бевосита дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ба вуҷуд омадааст);

– хизмат кардани Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар сафи қувваҳои мусаллаҳ ва (ё) қисмҳои ҳарбикунонидашудаи ҳар кадом давлат.

14.2. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

14.3. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз пардохти суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 15. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

15.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст тариқи хаттӣ/электронӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

15.2. Агар дар лаҳзаи фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал намоянд, он гоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғуртакунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

15.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғуртакардаи Суғуртакунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 16. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

17.1. Суғурташаванда, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғуртакунанда медиҳад.

17.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

17.3. Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан, банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои Суғуртакунанда коркард намояд.

17.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳри иҷроиши уҳдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм интиқол диҳад, ба шарте, ки Суғуртакунанада бо шахсони сеюми ишорашуда

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТА
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

созишномае, ки бехатарии маълумотҳои шахсиро ҳангоми коркард ва пешгирии ифшо гардидани маълумотҳои шахсиро таъмин менамояд, дошта бошад.

17.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

17.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли дархост бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебароял ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани муҳлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда ухдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани муҳлати даъво нобуд созад.

17.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

17.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вакт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

17.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

17.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё ухдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

Шартҳои дар қисми мазкури Қоида ишорагардида инчунин ба шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда дар ҳолати розигӣ додан/надодани онҳо барои ҳуқуқи истифодаи маълумоти шахсии онҳо аз ҷониби Суғуртакунанда дахл доранд.

## 17. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

17.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

17.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
тиббии сайёҳон

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________ Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №170/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \quad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \quad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \quad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_х$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_а$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_с$.

$$T_х = T_а + T_с \quad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_а$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғурткунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_a = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad (1.1.5)$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав.** $\boldsymbol{T_c}$ – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_a * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \qquad (1.1.6)$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ** $\boldsymbol{T_\Delta}$ – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{T\text{x} * 100}{100 - f} \qquad (1.1.7)$$

Дар ин ҷо: $\boldsymbol{T_x}$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба муҳлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 а (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Ҷадвали 1**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **g** | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| **ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА** | **КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ** | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон

Баҳисобгирӣ ва асоснокунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | Суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,004 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 55 556 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 394 761 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 2 406 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,051 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma) \sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,034 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,085 |
| Сарборӣ | f | 74,3 |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | 0,33 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

**ШАРТНОМАИ**

**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББИИ САЙЁҲОН**

**№_____**

**ш. Душанбе** **«___» _____ соли 20__**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №____________ аз «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти __________________________________, ки дар асоси Оинномa амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳони мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд.

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.
- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.
- **пардохти суғуртавӣ** – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқаррааргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта тибқи Шартномаи суғурта манфиатҳои шахсии ғайримолумулкии Суғурташаванда мебошанд, ки бо хароҷотҳои расонидани ёрии тиббӣ ба шахси Суғурташуда (Фоидагиранда) ё хароҷотҳои иловагии пешбинишуда, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб меравад.

## 3. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Мутобиқи Шартномаи мазкур маблағи суғуртавӣ, ки дар доираи он объект суғурта шудааст _________,__ (__________________) сомонӣ ___ дирамро ташкил медиҳад.

## 4. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тарифи суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

4.2. Мукофоти суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _________(___________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

4.3. Аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи мазкур мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ дар муддати 5 рӯзи корӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳодисаи бамиёномада ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми фаророрасии он уҳдадории Суғуртакунанда барои пардохт кардани маблағи суғуртавӣ пайдо мешавад.

5.2. Ба вуҷуд омадани хароҷоти пешбинигардида дар натиҷаи фарорасии ҳодисаҳои зерин ҳодисаи суғуртавӣ маҳсуб меёбад:

5.2.1. Беморӣ – халалёбии саломатӣ, ки дар давраи амали Шартномаи суғурта дар ҳудуди суғурта ба таври ногаҳонӣ сар зада, дахолати фаврии тиббиро талаб мекунад, инчунин бемории сироятии «Коронавирус» (COVID – 19).

5.2.2. Зарари ҷароҳати узвҳо ва/ё бофтаҳо дар натиҷаи ҳодисаи нохуш. Дар зери мафҳуми ҳодисаи нохуш ҳодисаи кутоҳмуддати ногаҳоние фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди суғурта рух дода, дар натиҷа ҷароҳат, дигар халалёбӣ ба саломатӣ ё фавтро ба вуҷуд овардааст.

5.2.3. Фавти шахси суғурташуда.

5.2.4. Хароҷот оид ба баргардонидани шахси суғурташуда ба ватан.

5.3. Ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ хароҷоти шахси суғурташуда дар доираи маблағи суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқарраротӣ бобҳои 12-13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровардa мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 9. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 10. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

10.1. Шартномаи мазкур аз санаи ______________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

10.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи шартномаи мазкур ба тарафҳо маълум гардидаанд, махфӣ шуморида шуда, бояд дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди тарафҳо баррасӣ мегарданд.

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мурочиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд ва дар он имзо ва муҳри тарафҳо дарҷ гардидаанд, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳдошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

13.3. Ҳолатҳои бо Шартномаи мазкур пешбининашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон ба танзим дароварда мешаванд.

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_________________ /__________.____./
(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

__________________________________
**Суроға:** ________________________
**РМА:** ___________________________
**РМБ:** ___________________________
**с/ҳ:** ____________________________
**Номи бонк:** _____________________
**с/м:** ____________________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ________________________
**Email:** _________________________

______________

_______________/_______________________./
(имзо) (ному насаб)

## АЛОҚА БО МО:

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Spitamen Insurance

SPITAMEN insurance

LLC IRO «Spitamen Insurance»/ ЧДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
18 Istaravshan Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan/Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Истаравшан 18
www.spi.tj; 7979
Tel/Телефон: +992 44 601 7997; Mob/Моб: +992 918 19 7997
NBT hot line/Телефони боварии БМТ: +992 44 600 1520

POLICY NUMBER/РАҚАМИ ПОЛИС
SI0000000000

# TRAVEL INSURANCE POLICY/ПОЛИСИ СУҒУРТАВИИ САЙЁҲОН

This document serves as proof of insurance coverage and may be presented for visa applications
Ин ҳуҷҷат далели мавҷудияти рӯйпӯшкунии суғуртавӣ мебошад ва метавонад барои дархости раводид пешниҳод карда шавад

| Issue date<br>Санаи пешниҳод | Start date<br>Санаи оғоз | End date<br>Санаи анҷом | Duration<br>Давомнокӣ | Area<br>ҳудуд |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

## Policyholder Details
## Маълумоти Суғурташаванда

Full Name/Номи пурра:
Date of Birth/Санаи таваллуд:
Insured ID/Рақами Суғурташуда:
Nationality/Миллат:
Address/Суроға:
Phone/Телефон:

## Policy Details
## Маълумоти полис

Plan Type/:
Purpose/Мақсади сафар:
Total sum Insured/Маблағи суғуртавӣ:
Deductible/Франшиза:
Insurance Rate/Тарифи суғуртавӣ:
**Insurance premium/Мукофоти суғуртавӣ:**

| Full Name<br>Номи пурра | Category<br>Навъ | Date of Birth<br>Санаи таваллуд | Insured ID<br>Рақами Суғурташуда | Gender<br>Ҷинс |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

| Benefits<br>Пардохтҳои суғуртавӣ | Limit (up to)<br>Лимит (то) |
|---|---|
| **Medical & Emergency Expenses / Хароҷоти тиббӣ ва таъҷилӣ** | |
| Emergency Medical Evacuation / Интиқоли таъҷилии тиббӣ | |
| Repatriation of Remains / Баргардонидани ҷасад | |
| (COVID-19) Corona virus / Коронавирус (COVID-19) | |
| Flight Delay / Таъхири парвоз | |
| Baggage loss / Гумшавии бағоҷ | |

**Details of Additional Insured Persons/ Маълумот дар бораи шахсони иловагӣ суғурташуда**
**Coverage Summary/Фарогирии суғуртавӣ**
**24/7-Hour Emergency Assistance/Кӯмаки фаврӣ 24/7**

CLASS assistance

**Medical Emergency**
**Ёрии таъҷилӣ**

Tel/Телефон: +7 (812) 605-86-86
Telegram: @Class_Assistance_bot
WhatsApp: +7 921 311 80 80
E-mail: ops@class-assistance.com
For SMS/Барои СМС: + 7 921 311 80 80
Web site/Сомона: https://class-assistance.com

### General Conditions/Шартҳои умумӣ

*This Insurance policy-offer (hereinafter referred to as the Policy) is issued to the Insured on the basis of his oral application and certifies the fact of concluding the insurance contract with LLC IRO "Spitamen Insurance" (Insurance license No. _______) (hereinafter referred to as the Insurer) on the terms and conditions contained in the text of this Policy and the Policy Terms of Insurance for the insurance product Travel Insurance (hereinafter referred to as the Policy Terms). Policy Terms are Appendix No. 1 to this Policy./ Ин пешниҳоди полиси суғуртавӣ (минбаъд – Полис) бар асоси аризаи шифоҳии Суғурташаванда таҳия ва ба ӯ пешниҳод гардида, ҳақиқати бастани шартномаи суғурта бо ЧДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (литсензияи суғуртавӣ № ___________) (минбаъд – Суғуртакунанда)-ро тасдиқ менамояд. Шартҳо ва талаботе, ки дар матни Полис ва дар Қоидаҳои суғуртавии маҳсулоти «Суғуртаи сайёҳон» (минбаъд – Қоидаҳои суғурта) зикр шудаанд, ҷузъи ҷудонашавандаи шартномаи суғурта буда, барои тарафҳо ҳатмӣ мебошанд. Қоидаҳои суғурта ҳамчун Замимаи № 1 ба Полис ҳамроҳ мегарданд.*

*The mechanical reproduction of the signature of authorized persons by the Insurer is recognized by the parties as an analogue of the manual signature of the authorized persons of the Insurer. The image of the seal of the Insurer, applied to the document by typographical or otherwise, is a proper requisite of such a document. Documents containing mechanical reproduction of the signatures of the authorized persons of the Insurer and the image of the seal of the Insurer shall have the same effect as documents signed personally by the authorized persons of the Insurer and affixed with the seal of the Insurer./ Нусхаи механикии имзои шахсони ваколатдори Суғуртакунанда аз ҷониби тарафҳо ҳамчун ҳамарзии имзои шахсии шахсони ваколатдори Суғуртакунанда эътироф мегардад. Тасвири муҳри Суғуртакунанда, ки ба ҳуҷҷат бо усули типографӣ ё бо дигар роҳҳо гузошта шудааст, реквизити расмии чунин ҳуҷҷат ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷатҳое, ки дорои нусхаи механикии имзои шахсони ваколатдори Суғуртакунанда ва тасвири муҳри Суғуртакунанда мебошанд, бо ҳуҷҷатҳое, ки шахсони ваколатдори Суғуртакунанда онҳоро шахсан ба имзо расонда ва бо мӯҳри Суғуртакунанда тасдиқ намудаанд, дорои қувваи ҳуқуқии баробар мебошанд.*

*I have read and agree to the terms and conditions of the insurance. I have received a copy of the policy. By confirming this form, I consent to the processing of my personal data by the Insurer./ Ман бо шарту талаботи суғурта шинос шуда, онҳоро қабул менамоям. Ман нусхаи Полисро гирифтаам. Бо тасдиқи ин шакл ман розигии худро ба коркарди маълумоти шахсиам аз ҷониби Суғуртакунанда изҳор менамоям.*